**Суратмаҷлиси № 16**

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА-022
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 26 ноябри соли 2020 ш. Душанбе

Иштирок доранд:
Аз 20 нафар аъзои
Шӯро 15 нафар

**Рӯзнома:**

Дар бораи қабул намудани диссертатсияи Набиева Меҳрангез Назаровна дар мавзӯи **«Муҳаммадҷони Шакурии Бухорой-муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик (роҳбари илмӣ доктори илмҳои филологӣ, академик Имомзода М. С.) ба ташхиси аввалия ва таъйин намудани комиссияи ташхис.

**Шунида шуд:**

Ахбори раиси Шӯрои диссертатсионӣ, д.и.ф., профессор Раҷабов Ҳ. дар бораи ворид гардидани ариза, ҳуҷҷатҳо ва диссертатсияи Набиева Меҳрангез Назаровна ба Шӯрои диссертатсионӣ.

**Баромад кард:**

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ Ж. Б. Гулназарова маълумот дод, ки ҳуҷҷатҳои ба Шӯрои диссертатсионӣ пешниҳоднамудаи Набиева Меҳрангез Назаровна – автореферат (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) ва диссертатсияи ӯ ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти № 505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, унвонҷӯ ҳуҷҷатҳои зарурӣ ва диссертатсияи худро дар сомонаи www.tnu.tj ҷойгир намудааст.

Бинобар ин, барои қабул намудани диссертатсияи мазкур барои ташхиси аввалия ягон монеа вуҷуд надорад.

**Қарор карда шуд:**

1.Диссертатсияи Набиева Меҳрангез Назаровна дар мавзӯи «**Муҳаммадҷони Шакурии Бухорой-муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик**» барои

дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик (роҳбари илмӣ доктори илмҳои филологӣ, академик Имомзода М. С.) ба ташхиси аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи ташхис дар ҳайати зерин таъйин карда шавад:

- А. Абдусатторов – доктори илмҳои филологӣ, профессор, аъзои Шӯро, раиси комиссияи ташхис;
- Р. Раҳмонов – доктори илмҳои филологӣ, профессор, аъзои Шӯро, аъзои комиссияи ташхис;
- Сафаров У. – доктори илмҳои филологӣ, профессор, аъзои Шӯро, аъзои комиссияи ташхис.

**Қарор қабул карда шуд:** тарафдор 15 нафар, зид, бетараф нест.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Раҷабов Ҳ.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Гулназарова Ж. Б.